ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Бо ҳуқуқи дастнавис

ТДУ-517.2 (575.3)

ТКБ-22.1 (2 тоҷик)

З 91

ЗУЛФОНОВ ШАҲРИЁР МУЛОЗУЛФОНОВИЧ

ТАТБИҚИ ҲИСОБИ ОПЕРАТСИОНӢ ДАР ҲАЛЛИ БАЪЗЕ СИНФҲОИ МУОДИЛАҲОИ ДИФФЕРЕНСИАЛӢ ВА ИНТЕГРО-ДИФФЕРЕНСИАЛӢ БО ҲОСИЛАҲОИ ХУСУСӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060100 – Математика (6D060102 - Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ ва идоракунии оптималӣ)

ДУШАНБЕ-2025

Кори диссертатсионӣ дар кафедраи анализи математикии факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст.

Роҳбарони илмӣ: **Илолов Мамадшо Илолович,** академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои физика ва математика, профессори кафедраи таҳлили функсионалӣ ва муодилаҳои дифференсиали Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқаризони расмӣ: **Муҳсинов Ёдгор Мирзоевич** - д.и.ф.м., профессори кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

Қозиев Гулназар Мавлоназарович – н.и.ф.м., мудири кафедраи риёзиёт дар иқтисодиёти Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Муассисаи пешбар: Институти математика ба номи А.Ҷураеви АМИТ.

Ҳимоя 10 декабри соли 2025 соати 15:30 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КАО-011 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар суроғаи: 734025, Шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни-Ҳисорак, корпуси 17, аудиторияи 203 ҷойгир аст, баргузор мешавад.

Диссертатсияро дар Китобхонаи маркази илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ё дар сомонаи http://www. tnu.tj.

Автореферат фиристода шудааст «_____» «____» 2025с.

Котиби илмӣ шурои диссертатсионии 6D.КАО-011,
номзади илмҳои физика ва математика Ғафоров А.Б.

Муқаддима

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот. Дар даҳсолаҳои охир назария ва амалияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ, ки шарҳи риёзии масъалаҳои мураккаб ва хеле муҳими рӯйдодҳои физика, химия, биология ва технологияи муосир мебошанд, рушду пешрафти назаррас дорад. Тарзҳои хеле мухталифи ҳалли масъалаҳои ибтидоӣ ва ибтидоӣ-канорӣ барои ин муодилаҳо коркард шудаанд. Дар байни онҳо методи табдилотҳои интегралӣ мақоми алоҳида дорад. Дар навбати худ муҳимтарини ин методҳо методи табдилоти интегралии Лаплас-Карсон барои муодилаҳои хаттӣ аз $n-$ тағирёбанда мебошад, ки солҳои охир дар таваҷҷуҳ ва диққати риёзидонҳо, физикҳо ва дигар тадқиқотчиён қарор дорад. Мақолаҳо ва монографияҳои илмии Ю. А. Бричков ва А. П. Прудников [3], Р. С. Даҳия [22, 23], А. Бабаханӣ [21], Р. С. Даҳия ва Ҷ. С. Дебнат [24] ва инчунин В. А. Диткин ва А. П. Прудников [5, 25] ба усулҳои нави ҳисоб-кунии табдилотҳои роста ва баръакси Лаплас-Карсон барои функсияҳои дутағирёбанда ва бисёртағирёбанда бахшида шудаанд.

Рисолаи диссертатсионӣ ба татбиқи як қатор синфҳои муодилаҳо (муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф, муодилаҳо бо ҳосилаҳои хусусии тартиби гуногун ва масъалаҳои ибтидоиву канорӣ барои онҳо) тавассути табдилоти Лаплас-Карсон бахшида шудааст. Барои пайдо кардани намуди ошкори ҳалли муодилаҳои номбурда зарурияти ҳисоббарории табдилотҳои роста ва баръакси интегралӣ аз функсияҳои бисёртағирёбанда ба миён меояд. Дар диссертатсия ҳисобкуниҳои оператсионӣ барои чунин функсияҳо пешниҳод шудаанд.

Дараҷаи коркарди илмии мавзуи таҳқиқот. Барои классҳои на он қадар васеи муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо истифода аз ҳисобкуниҳои оператсионӣ дар корҳои илмии Й. Фучита [27,28], М. Ф. Абдулкаримов [1], В. А. Илин [11], Е. А. Козлова [29], А. А. Дубков [6], С. С. Орлов [17], Э. И. Семенов ва А. А. Косов [19] мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Масъалаҳои ибтидоӣ ва ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалии телеграф ва инчунин, барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду дар мақолаҳои илмии М. И. Илолов, Ш. М. Зулфонов $[10,12,13,14]$, Ш. М. Зулфонов $[2-\text{М}, 5-\text{М}]$ таҳқиқ карда шудаанд. Барои чунин масъалаҳо тавассути табдилоти интегралии Лаплас-Карсон тасвири ҳалли ошкор пешниҳод карда шудааст.

Алоқаи кори таҳқиқотӣ бо барномаҳо, лоиҳаҳо ва мавзӯҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи баамалбарории нақшаи перспективии корҳои илмӣ-тадқиқотии кафедраи таҳлили математикии факултети математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои солҳои 2021-2025 аз рӯи мавзуи “Тадқиқот оид ба назарияи муодилаҳои дифференсиалӣ ва тадбиқи он ” иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Мақсади асосии рисолаи диссертатсионӣ муайянкунии тасвири баъзе функсияҳо ва тасвири баъзе интегралҳо мебошад, ки барои ёфтани ҳалли ошкори баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда истифодашаванда буда, инчунин барои ёфтани ҳалли ошкори муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда мавриди васеи истифода қарор мегиранд. Тасвири функсияҳо ва интегралҳое, ки дар рисолаи диссертатсионӣ нишон додем на фақат барои ҳалли муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду истифода карда мешаванд, балки барои ёфтани ҳалли муодилаи интегро-дифференсиалии ба муодилаи гармигузаронӣ ва мавҷ овардашаванда ва ғайра низ истифодашавандаанд.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот, масъалаҳои зерин мушаххас карда шудаанд:

1. Тасвири интегралҳои намуди

$$\int_{0}^{\min(x,t)} e^{-as} f(x-s,t-s)g(s)ds\,;$$

$$\int_{0}^{\min(x,t)}\int_{0}^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau;$$

муайян карда шавад;

2. Ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду муайян карда шавад;
3. Муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати каҷ) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ҳал карда шавад;
4. Усули ҳисоби оператсионӣ дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ татбиқ карда шавад.

Объекти таҳқиқот. Муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати каҷ) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда мебошад.

Предмети таҳқиқот. Предмети таҳқиқот муайянкунии тасвири функсияҳо, интегралҳо ва ёфтани ҳалли ошкори . муодилаи дифференсиалии телеграф, муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф ва муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду мебошад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

1. ба воситаи табдилоти Лаплас-Карсон тасвири функсияҳо ва интегралҳое, ки татбиқи васеи амалӣ доранд муайян карда шудаанд;
2. ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст;
3. ҳалли умумии муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш

хати кач) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст;

4. ҳалли умумии муодилаҳои дифференсиалии хаттӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва ҳалли муодилаи интегро-дифференсиалии ба муодилаи мавҷ овардашаванда муайян карда шудааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Таҳқиқоти мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ ва методҳои исботи онҳоро дар ҳолати ҷустуҷӯ намудани ҳалли масъалаҳои ибтидой-канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ татбиқи худро ёфтаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. теорема дар бораи муайянкунии тасвири баъзе функсияҳо ба воситаи табдилоти Лаплас-Карсон;
2. теорема дар бораи муайянкунии тасвири баъзе интегралҳо ба воситаи табдилоти Лаплас-Карсон;
3. ҳалли ошкори муодилаҳои дифференсиалии хаттии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда;
4. ҳалли ошкори муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда;
5. ҳалли ошкори муодилаҳои интегро-дифференсиалии телеграф барои ядроҳои гуногун бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда;
6. ҳалли ошкори муодилаҳои интегро-дифференсиалии ба муодилаи мавҷ овардашаванда бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда.

Дараҷаи эътиборнокии натиҷаҳо. Эътиборнокии натиҷаҳои илмии рисолаи диссертатсионӣ тавассути исботҳои математикии дақиқи ҳамаи тасдиқоти дар диссертатсия овардашуда таъмин гардида, бо тадқиқоти дигар муаллифон тасдиқ карда мешавад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ Кори диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 6D060102 – Муодилаҳои дифференсиалӣ, системаҳои динамикӣ, идоракунии оптималӣ иҷро карда шуда, фасли муодилаҳои дифференсиалӣ дар банди III – и параграфи 3-и шиносномаи ихтисоси илмӣ маҳсуб мегардад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Масъалаи таҳқиқот ва интихоби методи исботҳо аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳод карда шудааст ва ба ғайр аз ин роҳбари илмӣ ба муаллифи рисола кӯмаки консултатсионӣ расонидааст. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ, ки дар банди «Навоварии илмӣ» оварда шудаанд, шахсан аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима гардидаанд:

I. Семинари Маркази рушди инноватситонии илм ва технологияҳои нави АМИТ “Таҳлили касрӣ ва татбиқи он” таҳти роҳбарии академики АМИТ, доктори илмҳои физикаю математика, профессор М. И. Илолов (Душанбе, солҳои 2020-2024);

II. Семинари кафедраи анализи математикии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ таҳти роҳбарии профессор Пиров Р. Н.;

III. Конференсияи илмии байналмиллалӣ доир ба масъалаи “Комплексный анализ и его приложения”, бахшида ба бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф ва 75 солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Қурбонов И. К. ва 70 солагии доктори илмҳои физикаю математика, профессор Ҷумъабой Сафаров, (г.Бохтар, 19 ноябиря 2022 г.), 63-65 с.;

IV. Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии академик АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физикаю математика, профессор Шабозов М. Ш., (Таджикистан. Душанбе, 24-25 июня 2022 г.), 234-237 с;

V. Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии академик АМИ Тоҷикистон, доктори илмҳои физика-математика, профессор Бойматов К. Ҳ., (Таджикистан. Душанбе, 25-26 декабря 2020 г.).;

VI. Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 80 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Темур Собиров, (Таджикистан. Душанбе, 25-26 июня 2021 г.) ;

VII. Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Г.Ҷангибеков, (Таджикистан. Душанбе, 30-31 января 2020 г.);

VIII. Конференсияи ҷумҳуриявӣ бахшида ба “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2020-2040”, Душанбе-2020;

IX. Конференсияи илмии байналмиллалӣ бахшида ба 70 солагии доктори илмҳои физика-математика, профессор Қ. Тухлиев, (Таджикистан. Худжанд, 21-22 июня 2024 г.) 49-51 с.;

Интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия. Натиҷаҳои кор аз рӯи мавзуи диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои тақризшаванда, ки дар рӯйхати амалкунандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, 6 мақола дар маводҳои конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ чоп шудаанд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аз 120 номгӯй, ҳамагӣ 137 саҳифаи компютериро дарбар гирифта, дар барномаи Microsoft Word ҳуруфчинӣ шудааст. Барои осонии кор дар диссертатсия рақамгузории секаратаи теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳо қабул карда шудааст, рақами якум бо рақами боб, рақами дуюм бо рақами параграф ва рақами сеюм бо рақами тартибии теоремаҳо, леммаҳо, натиҷаҳо ва формулаҳои ҳамин параграф мутобиқат мекунанд.

ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Қисми асосии таҳқиқот

Мавод ва методҳои таҳқиқот Таҳқиқот аз ҳисобкунии табдилотҳои роста ва баръакси Лаплас-Карсон барои функсияҳои бисёртағирёбанда, интегралҳои такрорӣ ва инчунин татбиқи онҳо дар ҳалли баъзе синфҳои муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ ва таҳлили функсионалӣ истифода бурда шудааст.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот Маълумоти мухтасарро доир ба натиҷаҳои асосии рисола пешниҳод менамоем.

Боби якуми диссертатсия $(1.1, 1.2)$ ба маълумотҳои пешакӣ доир ба табдилоти Лаплас-Карсон барои функсияҳои бисёртағирёбанда ва ҳисоби мушахчаси табдилоти роста ва баръакс, барои синфҳои функсияҳо ва интегралҳо, ки баъдан бо мақсади пайдо намудани ҳалли ошкори муодилаҳои дифференсиалӣ ва интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ истифода бурда мешаванд, бахшида шудааст. Дар параграфи якуми боби якум 1.1. табдилоти Лаплас пешкаш карда шуда, таърифҳо, ишораҳо ва теоремаҳои асосӣ нишон дода шудаанд. Дар параграфи дуюми боби якум 1.2. формулаҳои умумии табдилоти Лаплас барои функсияҳои n –тағирёбанда дар намуди

$$F(p_1, p_2, \dots p_n) = \int_0^\infty \int_0^\infty \dots \int_0^\infty e^{-\sum_{k=1}^{n} p_k x_k} f(x_1, x_2, \dots x_n) dx_1 dx_2 \dots dx_n$$

ворид шудааст, ки дар ин ҷо $F(p_1, p_2, \dots p_n)$ – функсияи тасвир (изображения) ва $f(x_1, x_2, \dots x_n)$ –функсияи оригинал буда, $p_1, p_2, \dots p_n$ –ададҳои комплексӣ мебошанд. (ниг $[21], [25]$) Бори нахуст олими Амрико Ҷон Карсон табдилоти Лаплас-ро таҳқиқ намуда табдилотеро барои ёфтани тасвири функсияҳои яктағирбанда ва дутағирёбанда кашф намуд, ки ин табдилот ҳоло бо номи табдилоти Лаплас-Карсон машҳур аст. (ниг $[5], [7], [18]$) Хосиятҳои асосии табдилоти Лаплас ва тасвири печидаи ду функсияи дутағирёбанда баррасӣ гардидааст.

Тавассути табдилоти Лаплас-Карсон тасвири баъзе функсияҳо ва интегралҳо ҳисоб карда шудааст. Барои мисол тасвири функсияи

$$e^{-cx} \varphi'_t(t - x) + \varphi(0) e^{-cx} \delta(t - x)$$

ки дар ин ҷо c —адади ҳақиқии ихтиёрӣ буда, $\delta(t-x)$ —функсияи Дирак (ниг $[2],[4]$) ва $\varphi(t)$ —функсияи дифференсиронидашаванда мебошад ба функсияи дутағирёбандаи комплексии тағирёбандаҳояш p,q дар намуди

$$\frac{pq\Phi(q)}{p+q+c}$$

баробар аст, ки дар ин ҷо $\Phi(q\ )$ табдилоти Лапласи функсияи $\varphi(t)$ мебошад. Ба ҳамин монанд тасвири функсияҳои

$$e^{-bt}f(|x-t|) \text{ ва } e^{-bt-cx}f(x+t)$$

ҳисоб карда шудаанд.

Теоремаҳои 1.2.1, 1.2.2, 1.2.3, 1.2.4 мувофиқан ба ҳисобкунии тасвири баъзе интегралҳои намуди

$$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau$$

$$\int_0^{\min(x,t)} e^{-a_0(t-s)}\cdot e^{-a_1 s}\cdot f(x-s;t-s)ds$$

$$\int_0^{\min(x,t)} e^{-as}f(x-s,t-s)g(s)ds$$

бахшида шудаанд. Исботи теоремаҳо дар асоси методи ҳисоббарориҳои оператсионӣ ва интегралҳои ғайрихос гузаронида шуда, дар он аз таҳқиқотҳои классикии В. А. Диткин ва Г. Дёч истифода шудааст. (ниг $[5],[8]$)

Теорема: Бигзор функсияҳои $a(t), f(x,t)$ *шартҳои табдилоти Лаплас-ро қаноаткунанда бошанд, он гоҳ ҳангоми* $x>0, t>0$ *будан тасвири интеграли мазкур чунин мешавад:*

$$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau \rightrightarrows \frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)}$$

Исбот: Бо истифода аз табдилоти Лаплас –Карсон тасвири интеграли мазкурро меёбем, ки то ҳол аз тарафи олимон муайян карда нашудааст

$$pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-px-qt}\left(\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau\right)dxdt =$$

гузориши $x-s=u; t-s=v$ *–ро истифода карда ҳосил мекунем*

$$pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-p(u+s)-q(v+s)}\left(\int_0^{\infty}\int_0^{v} a(v-\tau)\,f(u;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau\right)dudv =$$

$$pq\int_0^{\propto}\int_0^{\infty} e^{-pu-qv}\left(\int_0^{v} a(v-\tau)\,f(u;\tau)d\tau\right)dudv\int_0^{\infty} e^{-(p+q+a_1)s}\,ds =$$

чи тавре аз бар мо маълум аст

$$\int_0^{v} a(v-\tau)\,f(u;\tau)d\tau \rightrightarrows \frac{1}{q}A(q)F(p,q)$$

мебошад, бинобар ин бо истифода аз баробарии зерин ҳосил мекунем

$$\frac{1}{q}A(q)F(p,q)\cdot\lim_{R\to\infty}\left(-\frac{e^{-(p+q+a_1)s}}{p+q+a_1}\bigg|_0^R\right)=\frac{1}{q}A(q)F(p,q)\cdot\frac{1}{p+q+a_1}$$

Ҳамин тавр тасвири интеграли мазкур маълум шуд, ки он чунин аст:

$$\int_0^{min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s;\tau)e^{-a_1 s}\,dsd\tau \rightrightarrows \frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)}$$

Зикр кардан бо маврид аст, ки баробарии мазкур дар ҳолати хусусӣ намуди зеринро мегирал:

$$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\,f(x-s)g(\tau)e^{-a_1 s}dsd\tau \rightrightarrows \frac{F(p)G(q)A(q)}{q(p+q+a_1)}$$

Ба сифати натиҷа аз теоремаҳои дар боло қайдгардида боз барои як қатор функсияҳо тасвири онҳо ҳисоб карда шудааст, ки дар намуди Ҷадвал (Ҷадвали 1) оварда мешаванд.

Ҷадвали 1.2.1. Тасвири баъзе функсияҳо

	f(x,t) $\quad(x>0; t>0)$	F(p,q)
1	$e^{-lt}u_1(x-t)$	$\frac{qU_1(p)}{p+q+l}$
2	$e^{-mt}u_{0x}'(x-t)+u_0(0)e^{-mt}\delta(x-t)$	$\frac{pqU_0(p)}{p+q+m}$
3	$e^{-bx}\varphi_2(t-x)$	$\frac{p\Phi_2(q)}{p+q+b}$
4	$e^{-cx}\varphi_t'(t-x)+\varphi(0)e^{-cx}\delta(t-x)$	$\frac{pq\mathit{\Phi}(q)}{p+q+c}$
5	$e^{-bt-cx}f(t+x)$	$\frac{pq}{p-q-b+c}\left(\frac{F(q+b)}{q+b}-\frac{F(p+c)}{p+c}\right)$
6	$e^{-bt}f(\|x-t\|)$	$\frac{q}{q+b}\cdot\frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b}$
7	$e^{-bt-cx}f(\|x-t\|)$	$\frac{pq}{p+q+b+c}\left(\frac{F(q+b)}{q+b}+\frac{F(p+c)}{(p+c)}\right)$
8	$e^{-bt-cx}f(x-t)$	$\frac{pqF(p+c)}{(p+c)(p+q+b+c)}$
9	$e^{-bt-cx}f(t-x)$	$\frac{pqF(q+b)}{(q+b)(p+q+b+c)}$

Пас аз он дар параграфҳои 1.2 тасвири баъзе интегралҳо ҳисоб карда шудааст, ки то ҳол дар ягон адабиёти марбута во намехуранд.

Ҷадвал 1.2.2. Тасвири баъзе интегралҳо

	$f(x,t)\qquad(x>0;\quad t>0)$	$F(p,q)$
1	$\int_0^{\min(x,t)} e^{-as}f(x-s,t-s)ds$	$\frac{F(p,q)}{p+q+a}$
2	$\frac{1}{c}\int_0^t(e^{-ls}-e^{-ct+(c-l)s})u_0(x-s)ds;\ c\neq 0$	$\frac{1}{(q+c)(p+q+l)}U_0(p)$
3	$\int_0^t e^{-(b_0t+a_0s)}u_0(x-s)ds$	$\frac{q}{(q+b_0)(p+q+a_0+b_0)}U_0(p)$

4	$\int\limits_0^{\min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} a(t-s-\tau)\, f(x-s;\tau) e^{-a_1 s}\, ds d\tau$	$\frac{A(q)F(p;q)}{q(p+q+a_1)}$
5	$\int\limits_0^{\mathrm{t}} \mathrm{e}^{-(\mathrm{bt+s})} \mathrm{u}_0(x-\mathrm{s})\mathrm{ds}$	$\frac{\mathrm{q}}{(\mathrm{q+b})(\mathrm{p+q+1+b})} \mathrm{U}_0(\mathrm{p})$
6	$\int\limits_0^t a(t-\tau)u(x,\tau)d\,\tau$	$\frac{1}{q} A(q)U(p,q)$
7	$\int\limits_0^{\min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} e^{-a_2(t-s-\tau)} f(x-s;\tau) e^{-a_1 s}\, ds d\tau$	$\frac{F(p;q)}{(q+a_2)(p+q+a_1)}$
8	$\int\limits_0^{\min(x,t)} \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs} f(x-s)ds$	$\frac{(q+b)F(p)}{p+q+b}$
9	$\int\limits_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs} f(x+s)ds$	$\frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$
10	$\int\limits_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs} f(\lvert x-s\rvert)ds$	$\frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+q+b}$
11	$\int\limits_0^t \big(\delta(t-s)+bh(t-s)\big)e^{-bs} f(s)ds$	$F(q+b)$
12	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau} f(x+\tau)\partial\tau$	$\frac{A(q)}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b)-(q+b)F(p)}{p-(q+b)}$
13	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau} f(\lvert x-\tau\rvert)\partial\tau$	$\frac{A(q)}{q+b} \cdot \frac{pF(q+b)+(q+b)F(p)}{p+(q+b)}$
14	$\int_0^t a(t-\tau)\, e^{-b\tau}\big(f(x+\tau)+f(\lvert x-\tau\rvert)\big)\partial\tau$	$\frac{2A(q)}{q+b} \cdot \frac{p^2F(q+b)-(q+b)^2F(p)}{p^2-(q+b)^2}$
15	$\int\limits_0^{\min(x,t)} e^{-a_0(t-s)} \cdot e^{-a_1 s} \cdot f(x-s;t-s)ds$	$\frac{qF(p;q+a_0)}{(p+q+a_1)(q+a_0)}$
16	$\int\limits_0^{\mathrm{t}} e^{-a_0(t-s)} \cdot e^{-a_1 s} \cdot \delta(x-s)u_0(t-s)ds;\ \ x>t$	$\frac{q}{q+a_0} \cdot \frac{pU_0(q+a_0)}{p+q+a_1}$
17	$\int\limits_0^{\min(x,t)} e^{-a_1 t} \cdot u_0(x+t-2s)ds$	$\frac{q}{q+a_1} \cdot \frac{pU_0(q+a_1)-(q+a_1)U_0(p)}{p^2-(q+a_1)^2}$

18	$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s} a(t-s-\tau)\cdot e^{-a_1 s}\cdot f_1(x-s)\, f_2(\tau)dsd\tau$	$\frac{F_1(p)F_2(q)A(q)}{q(p+q+a_1)}$
19	$\int_0^{t} e^{-b(t-s)}\varphi_2(s)ds -$ $-\int_0^{min(x;t)} e^{-bs}h(x-s)\varphi_2(t-s)ds$	$\frac{p\Phi_2(q)}{(q+b)(p+q+b)}$
20	$\int_0^{\min(x,t)} e^{-as}f(x-s,t-s)g(s)ds$	$\frac{G(p+q+a)F(p,q)}{p+q+a}$

Бояд қайд намуд, ки дар ин ҷо функсияи $F(p,q)$ –функсияи тағирёбандааш комплексӣ мебошад. (ниг [8], [9], [20], [25])

Боби дуюми рисола таҳти унвони “Муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ” ба татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон дар ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бахшида шудааст.

Дар параграфи 2.1. мафҳумҳо ва натиҷаҳои асосӣ оид ба муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду гирд оварда шудаанд.

Аз ҷумла, таснифи муодилаҳо бо ҳосилаҳои хусусии тартиби ду хотиррасон шудааст ва тарифи муодилаҳои намуди элиптикӣ, гиперболикӣ ва параболикӣ низ ёдрас гардидааст.

Дар параграфи 2.2. муодилаи нақлиёт бо манбаи хаттӣ ва бо шартҳои ибтидоӣ ва канории ғайриякҷинса мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Масъалаи номбурда бо ёрии табдилоти интегралии Лаплас-Карсон ҳал карда шудааст.

Ғайр аз ин дар § 2.2. муодилаи намуди

$$\frac{\partial^2 u}{\partial x^2}+\frac{\partial^2 u}{\partial t^2}+2\frac{\partial^2 u}{\partial x\partial t}+a\frac{\partial u}{\partial x}+a\frac{\partial u}{\partial t}+bu=f(x,t) \qquad (1)$$

бо шартҳои ибтидоии

$$\begin{cases} u(x,0) = u_0(x) \\ u_t'(x,0) = u_1(x) \end{cases} \tag{2}$$

ва шартҳои канории

$$\begin{cases} u(0,t) = \varphi_1(t) \\ u_x'(0,t) = \varphi_2(t) \end{cases} \tag{3}$$

омӯхта шудааст. Қайд мекунем, ки масъалаи (1)-(3) ҳангоми $a = 0, b = 1$,

$f(x,t) = \sqrt{x+t}$ ва бо шарти

$$u(x,0) = u_t'(x,0) = u_x'(0,t) = u(0,t) = 0$$

аз тарафи олими Амрико Р. С. Даҳия (ниг $[25], [26]$) ва олими Эрон Ҷ. Собирӣ (ниг $[25], [26]$) бо истифода аз табдилоти дутағирёбандаи Лаплас таҳқиқ карда шудааст. Дар § 2.2. –и рисола ҳалли умумии муодилаи (1) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории (2)-(3) барои дилхоҳ адади мусбати a, b ва дилхоҳ функсияи бефосила ва дифференсиронидашавандаи $f(x,t)$, ки шартҳои табдилоти Лапласро қаноат мекунад бо истифода аз татбиқи табдилоти Лаплас-Карсон ҳал карда шудааст.

Ҳалли умумии муодилаи (1)-(2)-(3) чунин намуд дорад: (ниг $[13], [14]$)

$$u(x,t) = \frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} e^{-\left(\frac{a}{2} - \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}\right)x} \varphi_1{}'_t(t-x) +$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \int\limits_0^{\min(x,t)} \left(e^{-\left(\frac{a}{2} - \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}\right)s} - e^{-\left(\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}\right)s} \right) f(x-s, t-s)ds +$$

$$e^{-\left(\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}\right)x} \varphi_1(t-x) +$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}} \varphi_1(0) e^{-\left(\frac{a}{2} - \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}\right)x} \delta(t-x) +$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}} * e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}(t-x)-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}{}'_{t}(t-x)-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}\varphi_{1}(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\delta(t-x)-$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\varphi_{1}(t-x)+$$

$$(a^{2}-4b)^{-\frac{1}{2}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)x}\right)\varphi_{2}(t-x)$$

$$+e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}(x-t)+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}{}'_{x}(x-t)+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}u_{0}(0)e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}\delta(x-t)+$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}(x-t)-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}{}'_{x}(x-t)-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}u_{0}(0)e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}\delta(x-t)-$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}u_{0}(x-t)+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)t}\right)u_{1}(x-t)$$

Дар ин ҷо

$$u(x,0)=e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}u_{0}(x-0)+\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}{u_{0}}'_{x}(x-0)$$

$$+\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}u_{0}(x-0)-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}{u_{0}}'_{x}(x-0)-$$

$$\frac{\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}u_{0}(x-0)+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)\cdot 0}\right)u_{1}(x-0)+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}}\int_{0}^{0}\left(e^{-\left(\frac{a}{2}-\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)s}-e^{-\left(\frac{a}{2}+\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^{2}-b}\right)s}\right)f(x-s,t-s)ds=$$

$$u_0(x) + \frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{u_0}'_x(x) + \frac{\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}u_0(x) -$$

$$\frac{1}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{u_0}'_x(x) - \frac{\frac{a}{2} + \sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}{2\sqrt{\left(\frac{a}{2}\right)^2 - b}}u_0(x) = u_0(x)$$

мешавад.

Дар параграфи 2.3. муодилаи дифференсиалии телегшраф мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муодила намуди зеринро дорад:

$$\frac{\partial^2 u}{\partial t^2} + \alpha\frac{\partial u}{\partial t} + \beta u = \frac{\partial^2 u}{\partial x^2} + f(t) \qquad (4)$$

Ҳалли умумии муодила бо иҷрошавии шартҳои ибтидоии

$$u(x,0) = u_0(x), u_t'(x,0) = u_1(x) \qquad (5)$$

ва шартҳои канории

$$u(0,t) = \varphi_1(t), u_x'(0,t) = \varphi_2(t) \qquad (6)$$

ёфта шавад.

Ҳангоми $\alpha = 0, \beta = 0$ будан масъалаи (4)-(6) аз ҷониби В. А. Диткин, А. П. Прудников (ниг [5]) ва дар ҳолати $\alpha = 0, \beta = -q(x,t)$ будан дар мақолаи Абдулкаримов М. Ф. (ниг [1]) барасси шудааст. Дар рисола масъалаи (4)-(6) тавассути табдилоти интегралии Лаплас-Карсон пурра ҳал карда шудааст. (ниг [10]) Аз функсияи $f(t)$ иҷрои шартҳои мавҷудияти табдилоти Лаплас-Карсон талаб карда мешавад.

Намуди умумии ҳалли масъалаи ибтидоӣ-канории (4)-(6) чунин аст:

$$u(x,t) = e^{-\frac{\alpha}{2}x}\varphi_1(t - x) +$$

$$\int_0^{min(x,t)} \int_0^{t-s} \delta'(t-s-\tau)\, u_0(x-s+\tau) e^{-\frac{\alpha}{2}(s+\tau)}\, ds d\tau +$$

$$\alpha \int_0^{min(x,t)} \int_0^{t-s} \delta(t-s-\tau)\, u_0(x-s+\tau) e^{-\frac{\alpha}{2}(s+\tau)}\, ds d\tau +$$

$$\int_0^{\min(x,t)} e^{-\frac{\alpha}{2}t} \cdot u_1(x+t-2s) ds +$$

$$+ \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} e^{\frac{-\alpha}{2}(t-\tau)}\, h(x-s)\, f(\tau) ds d\tau$$

Боби сеюми рисола ба ҳалли муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ бахшида шудааст.

Дар параграфи 3.1. мафҳумҳои асосӣ доир ба муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ оварда шудаанд. Қайд карда шудааст, ки чунин муодилаҳо дар намуди муодилаи гармигузаронӣ бо дарназардошти ҳофизаи муҳит дар мақолаҳои М. Гуртин, В. Пипкин таҳлили худро ёфтаанд. (ниг [15], [16]) Натиҷаи дар боби 3 овардашуда ҳолати умумии чунин муодилаҳоро дарбар мегиранд.

Дар параграфи 3.2. муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф, ки то ҳол ҳалли он дар адабиётҳо во намехурад

$$\frac{\partial^2 u}{\partial t^2} + (2b+1)\frac{\partial u}{\partial t} + b^2 u = \frac{\partial^2 u}{\partial x^2} + \int_0^t a(t-\tau)\frac{\partial^2 u(x,\tau)}{\partial x^2} d\tau + f(t) \qquad (7)$$

бо шартҳои ибтидоӣ

$$\begin{cases} u(x,0) = u_0(x) \\ u'_t(x,0) = u_1(x) \end{cases} \qquad (8)$$

ва шартҳои канории

$$\begin{cases} u(0,t) = \varphi_1(t) \\ u_x'(0,t) = \varphi_2(t) \end{cases} \tag{9}$$

тадқиқ карда шудааст.

Ҳалли умумии масъалаи (7)-(9) барои ядрои $a(t) = b^2 t + 2b + 1$ чунин намуд дорад: (ниг $[3 - \mathrm{M}]$)

$$u(x;t) = \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} (\delta'(t-s-\tau))u_0(x+\tau-s)dsd\tau -$$

$$b^2 \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} \left(\frac{b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+0{,}25}} \right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_0(x+\tau-s)\, dsd\tau +$$

$$b^2 \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} \left(\frac{b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_0(x+\tau-s)\, dsd\tau +$$

$$\int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} \delta(t-s-\tau)\, u_1(x+\tau-s)dsd\tau + \varphi_1(t-x) +$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_1(x+\tau-s)\, dsd\tau -$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_1(x+\tau-s)\, dsd\tau -$$

$$\int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} \left(\frac{b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} h(x-s)\, f(\tau)dsd\tau +$$

$$\int_0^{\min(x,t)}\int_0^{t-s}\left(\frac{b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}h(x-s)f(\tau)\,dsd\tau$$

Ҳалли муодиларо ҳангоми $x > \mathrm{t}$ будан менависем

$$u(x;t)=\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}(\delta'(t-s-\tau))u_0(x+\tau-s)dsd\tau-$$

$$b^2\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}\left(\frac{b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+0{,}25}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}u_0(x+\tau-s)\,dsd\tau+$$

$$b^2\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}\left(\frac{b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+0{,}25}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}u_0(x+\tau-s)\,dsd\tau+$$

$$\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}\delta(t-s-\tau)\,u_1(x+\tau-s)dsd\tau+$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}u_1(x+\tau-s)\,dsd\tau-$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}u_1(x+\tau-s)\,dsd\tau-$$

$$\frac{1}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}h(x-s)\,f(\tau)dsd\tau+$$

$$\frac{1}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^{\mathrm{t}}\int_0^{t-s}\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}h(x-s)f(\tau)\,dsd\tau$$

Ҳалли муодиларо ҳангоми $x < t$ будан менависем

$$u(x;t) = \int_0^x \int_0^{t-s} (\delta'(t-s-\tau))u_0(x+\tau-s)dsd\tau -$$

$$b^2 \int_0^x \int_0^{t-s} \left(\frac{b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+0{,}25}}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_0(x+\tau-s)\, dsd\tau +$$

$$b^2 \int_0^x \int_0^{t-s} \left(\frac{b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_0(x+\tau-s)\, dsd\tau +$$

$$\int_0^x \int_0^{t-s} \delta(t-s-\tau)\, u_1(x+\tau-s)dsd\tau + \varphi_1(t-x) +$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^{\min(x,t)} \int_0^{t-s} e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_1(x+\tau-s)\, dsd\tau -$$

$$\frac{\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^x \int_0^{t-s} e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} u_1(x+\tau-s)\, dsd\tau -$$

$$\frac{1}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^x \int_0^{t-s} \left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} h(x-s)\, f(\tau)dsd\tau +$$

$$\frac{1}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int_0^x \int_0^{t-s} \left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} h(x-s)f(\tau)\, dsd\tau$$

Ғайр аз ин масъалаи (7)-(9) барои ядрои намуди $a(t) = (1-bt)e^{-bt}$ низ ҳал карда шудааст, ки намуди зеринро дорад: (ниг $[3-\text{M}]$)

$$u(x,t) = e^{-bx}\varphi_1(t-x) + \int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} \delta(t-s-\tau)\, u_1(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau$$

$$+ \int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} (\delta'(t-s-\tau) + 2b\delta(t-s-\tau))\, u_0(x-s+\tau)\, e^{-b(s+\tau)} dsd\tau +$$

$$\frac{b^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} e^{-\left(\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} \cdot e^{-bt} \cdot u_0(x-s+\tau)\, dsd\tau -$$

$$\frac{b^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} e^{-\left(\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} \cdot e^{-bt}\, u_0(x-s+\tau)\, dsd\tau -$$

$$\int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} \left(\frac{2b+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}} + \frac{1}{2}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{\frac{1}{4}+b}\right)(t-s-\tau)}\, u_1(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau +$$

$$\int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} \left(\frac{2b+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}} - \frac{1}{2}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{\frac{1}{4}+b}\right)(t-s-\tau)}\, u_1(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau +$$

$$\int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} \left(\frac{1}{2} - \frac{1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\right) e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} \cdot e^{-bs} \cdot h(x-s)\, f(\tau) dsd\tau +$$

$$\frac{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}} \int\limits_0^{min(x,t)} \int\limits_0^{t-s} e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)} \cdot e^{-bs}\, h(x-s) f(\tau) dsd\tau$$

Ҳалли умумии муодила ҳангоми $\boldsymbol{x > t}$ ***будан чунин аст:***

$$u(x,t) = \int\limits_0^{t} \int\limits_0^{t-s} \delta(t-s-\tau)\, u_1(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau$$

$$+\int_0^t\int_0^{t-s}\left(\delta'(t-s-\tau)+2b\delta(t-s-\tau)\right)u_0(x-s+\tau)\,e^{-b(s+\tau)}dsd\tau+$$

$$\frac{b^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^t\int_0^{t-s}e^{-\left(\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}\cdot e^{-bt}\cdot u_0(x-s+\tau)\,dsd\tau-$$

$$\frac{b^2}{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^t\int_0^{t-s}e^{-\left(\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}\cdot e^{-bt}\,u_0(x-s+\tau)\,dsd\tau-$$

$$\int_0^t\int_0^{t-s}\left(\frac{2b+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}}+\frac{1}{2}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{\frac{1}{4}+b}\right)(t-s-\tau)}\,u_1(x-s+\tau)e^{-b(s+\tau)}\,dsd\tau+$$

$$\int_0^t\int_0^{t-s}\left(\frac{2b+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}}-\frac{1}{2}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{\frac{1}{4}+b}\right)(t-s-\tau)}\,u_1(x-s+\tau)e^{-b(s+\tau)}\,dsd\tau+$$

$$\int_0^t\int_0^{t-s}\left(\frac{1}{2}-\frac{1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\right)e^{-\left(b+\frac{1}{2}-\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}\cdot e^{-bs}\cdot h(x-s)\,f(\tau)dsd\tau+$$

$$\frac{2\sqrt{b+\frac{1}{4}}+1}{4\sqrt{b+\frac{1}{4}}}\int_0^t\int_0^{t-s}e^{-\left(b+\frac{1}{2}+\sqrt{b+\frac{1}{4}}\right)(t-s-\tau)}\cdot e^{-bs}\,h(x-s)f(\tau)dsd\tau$$

Дар параграфи сеюми боби 3 муодилаи интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ, ки ба муодилаи мавҷ овардашаванда мебошад, таҳқиқ карда шудааст.

Чунин гузориш бори аввал аз ҷониби риёзидони Ҷопон Й. Фучита барои муодилаи намуди

$$u(x,t)=f(x)+\int_0^t a(t-\tau)\frac{\partial^2 u(x,\tau)}{\partial x^2}\partial\tau \qquad (10)$$

баррасӣ гардидааст. Ядро сингулярӣ буда, намуди умумии он чунин аст:

$$a(t) = \frac{1}{\Gamma(\alpha)} t^{\alpha-1} \tag{11}$$

дар ин ҷо $\Gamma(\alpha)$ −функсияи Эйлер ҷинси 2 ва $\alpha \in [1; 2]$ аст.

Гузориши масъаларо меоварем: Функсияи $u(x,t)$ ёфт шавад, ки муодилаи (10)-ро бо шарти ибтидоии

$$u(x,0) = f(x) \tag{12}$$

ва шартҳои канорӣ

$$\begin{cases} u(0,t) = \varphi(t) \\ u'_x(0,t) = c(t) \end{cases} \tag{13}$$

қаноат мекунад.

Масъалаи (10)-(13) аз ҷониби Й. Фучита барои ядрои (11) ва аз ҷониби муаллифи рисола барои ядрои регулярии намуди

$$a(t) = te^{-bt}, \quad b > 0 \tag{14}$$

тадқиқ карда шудааст.

Ядрои (14) дар муқоиса бо ядрои (11) ду бартарии ҷиддӣ дорад. Аввалан барои чунин ядро татбиқи ҳисоби оператсионӣ (табдилоти Лаплас -Карсон) қулай мебошад. Сониян доираи татбиқи ядрои регулярӣ назар ба ядрои сингулярӣ хеле васеъ аст.

Намуди умумии ҳалли масъалаи (10)-(13)-ро барои ядрои (14) меоварем

$$u(x,t) = \int_0^{min(x,t)} \int_0^{t-s} \delta'(t-s-\tau) f(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau +$$

$$+2b \int_0^{min(x,t)} \int_0^{t-s} \delta(t-s-\tau) f(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, dsd\tau +$$

$$+b^2 \int_0^{min(x,t)} \int_0^{t-s} h(t-s-\tau) f(x-s+\tau) e^{-b(s+\tau)}\, ds d\tau$$

$$+e^{-bx}\varphi(t-x);$$

Бо мақсади шарҳ додани қадамҳои асосии исботи формулаи ҳалли масъала як мисоли мушахас барои муодилаи

$$u(x,t) = bx + \int_0^t (t-\tau) e^{-b(t-\tau)} \frac{\partial^2 u(x,\tau)}{\partial x^2} \partial\tau$$

оварда шудааст.

Хулоса

1. Натиҷаҳои асосии илмии кори диссертатсионӣ

Дар рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

1. Ба воситаи табдилоти Лаплас-Карсон тасвири функсияҳо ва интегралҳое, ки татбиқи васеи амали доранд муайян карда шудаанд [9-М], [10-М];
2. Ҳалли умумии муодилаи дифференсиалии телеграф бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст[2-М], [5-М];
3. Ҳалли умумии муодилаи интегро-дифференсиалии телеграф барои ядрои функсияи хаттӣ (графикаш хати рост) ва функсияи ғайрихаттӣ (графикаш хати кач) бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда муайян карда шудааст [3-М], [6-М];
4. Ҳалли умумии муодилаҳои дифференсиалии хаттӣ бо ҳосилаҳои хусусии тартиби як ва ду бо шартҳои ибтидоӣ ва канории додашуда ва ҳалли муодилаи интегро-дифференсиалии ба муодилаи мавҷ овардашаванда муайян карда шудааст [1-М], [2-М], [4-М];
5. Ҷадвали 2 то ҷое огоҳ ҳастам дар таърихи риёзиёт то ҳол вуҷуд надорад ва барои ҳалли муодилаҳои дифференсиалӣ, муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ва ғайра васеъ истифодашаванда мебошад [7-М], [8-М], [10-М];

2. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Таҳқиқоти мазкур аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, натиҷаҳои рисолаи диссертатсионӣ ва методҳои исботи онҳоро дар ҳолати ҷустуҷӯ намудани ҳали масъалаҳои ибтидоӣ-канорӣ барои муодилаҳои дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ ва муодилаҳои интегро-дифференсиалӣ бо ҳосилаҳои хусусӣ татбиқи худро ёфтаанд.

Рӯйхати адабиёт

[1]. Абдукаримов М. Ф. О разрешимости одной задачи граничного управления для телеграфного уравнения с переменным коэффициентом из класса L_2. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию академика НАН Таджикистана Шабозова Мирганда Шабозовича, (Таджикистан. Душанбе, 24-25 июня 2022 г.), с 191-192.

[2]. Александров В. А. Обобщенные функции, Новосибирск-2005, 46 с.

[3]. Брычков Ю. А., Прудников А. П. Интегральные преобразования обобщенных функций, Москва 1977, 288 с.

[4]. Губатенко В. П. Обобщенные функции с приложениями в теории электромагнитного поля, Саратов «Стило»-2001, 141 с.

[5]. Диткин В. А., Прудников А. П. Операционное исчисление по двум переменным и его приложения, Москва -1958, 176 с.

[6]. Дубков А. А., Агудов Н. В. Преобразования Лапласа, Нижний Новгород-2016, 36 с.

[7]. Диткин В. А., Прудников А. П. Справочник по операционному исчислению, Москва 1965, 175 с.

[8]. Дёч Г. Руководство к практическому применению преобразования Лапласа и z–преобразование. М.: Рипол Классик. 1971, с. 288.

[9]. Диткин В. А., К теории операционного исчисления, ДАН 123, (1958).

[10]. Зулфонов Ш. М. Решение начально-краевой задачи для телеграфного уравнения.// Доклады НАН Таджикистана, Том. 66, № 1-2, 28-32 с.

[11]. Ильин В. А. О граничном управлении на одном конце процессом, описываемым телеграфным уравнением (Текст)/ В.А. Ильин, Е.И. Моисеев // Доклады Академии наук. -2002 –Т. 387. -№5. –С. 600-603.

[12]. Илолов. М. И, Зулфонов Ш. М Решение интегро-дифференциального телеграфного уравнения методом преобразования Лапласа-Карсона //Известия НАН Таджикистана, №1 (190), 2023 г, с. 7-14.

[13]. Илолов.М. И, Зулфонов.Ш. М. Начально- Краевая задача для уравнения в частных производных 2-го порядка. .// Доклады НАНТ, Т. 66, № 3-4, 127-135 с.

[14]. Илолов.М.И, Зулфонов.Ш.М Начально- Краевая задача для уравнения в частных производных 2-го порядка. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию профессора Джангибеков Гулходжа, (Таджикистан. Душанбе, 30-31 января 2020 г.)

[15]. Корн Г. А., Корн Т. М. Справочник по математике. М. : Наука, 1978, 720 с.

[16]. Никольский С. М. Курс математического анализа.–М.: Наука, 1983, Том 2, 448 с.

[17]. Орлов С. С. Обобщенные решения интегро-дифференциальных уравнений высоких порядков в банаховых пространствах (монография) Иркутск-2014, 150 с.

[18]. Плескунов М. А. Операционное исчисление. Екатеринбург- 2014, 146 с.

[19]. Семенов Э. И., Косов А. А. Функция Ламберта и точные решения нелинейных параболических уравнений, Известия вузов. Математика 2019, №8, с 13-20.

[20]. Хиршман И. И., Уиддер Д. В., Преобразования типа свертки, М., ИЛ., 1958, 312 с.

[21]. Ali Babakhani Theory of multidimensional Laplace transforms and boundary value problems. Iowa State University, 1989, 223.

[22]. Dahiya R. S. Calculation of Two-dimensional Laplace Transforms pairs-2, Simon Stevin, A Quarterly journal of pure and Applied Mathematics (Belgium) 57 (1983).

[23]. Dahiya R. S. Laplace Transform pairs of n-dimensions, International Journal of Mathematics and Mathematical Sciences. Volume 8 (1985).

[24]. Dahiya R. S. and Debnath J. C., Theorems on Multidimensional Laplace Transform for Solution of Boundary Value Problems, Computers Math. Applications 18 (1989), no 12.

[25]. Ditkin V. A., Prudnikov A. P., Operational Calculus in Two Variables and its Applications, Pergamon Press, New York, 1962, 176.

[26]. Dahiya R. S.; Jafar Saberi -Nadjafi, THEOREMS ON n-DIMENSIONAL LAPLACE TRANSFORMS AND THEIR APPLICATIONS, 15th Annual conference of Applied Mathematics. Univ of central Oklahoma, Electronic journal of differential Equations; Conference 02, 1999, pp 61−74.

[27]. Fujita Y. Integro-differential equation which interpolates the heat equation and the wave equation. Osaka Journal of Mathematics. 27(2); 309-321; Issue date 1990-06.

[28]. Fujita Y. Integro-differential equation which interpolates the heat equation and the wave equation (11).- Osaka Journal of Mathematics. Volume 27, №4, (1990), pp. 797-804.

[29]. Kozlova E. A. The control problem for the system of telegraph equations, Samara 2011, pp. 162-166.

ИНТИШОРОТИ МУАЛЛИФ ОИД БА МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ

А) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:

[1-М]. Зулфонов Ш. М. Применение преобразования Лапласа-Карсона к решению начально-краевой задачи для интегро-дифференциальных уравнений [Текст] /Зулфонов Ш. // Доклады НАН Таджикистана, Том. 64, № 3-4, 135-141 с.

[2-М]. Зулфонов Ш. М. Решение начально-краевой задачи для телеграфного уравнения. [Текст] / Зулфонов Ш. // Доклады НАН Таджикистана, Том. 66, № 1-2, 28-32 с.

[3-М]. Зулфонов Ш. М Решение интегро-дифференциального телеграфного уравнения методом преобразования Лапласа-Карсона [Текст] / М. И. Илолов, Ш. Зулфонов //Известия НАН Таджикистана, №1 (190), 2023 г, с. 7-14

[4-М]. Зулфонов. Ш. М. Начально- Краевая задача для уравнения в частных производных 2-го порядка. [Текст] / М. И. Илолов, Ш. М. Зулфонов // Доклады НАН Таджикистана, Т. 66, № 3-4, 127-135 с.

Б) Дар дигар нашрияҳо

[5-М]. Зулфонов. Ш. М. Решение начально-краевой задачи для телеграфного уравнения. Материалы международной научной конференции, “Комплексный анализ и его приложения”, посвященной “Двадцатилетию изучения и развития естественных, точных и математических наук в сфере науки и образования”, 75-летию Заслуженного работника Таджикистана, чл.корр. НАНТ, доктора физико-математических наук, профессора И.К.Курбонова и 70-летию доктора физико-математических наук, профессора Дж.С.Сафарова, (г.Бохтар, 19 ноябиря 2022 г.), 63-65 с.

[6-М]. Зулфонов Ш. М. Интегро-дифференциальное уравнение телеграфа. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию академика НАНТ Шабозова Мирганда Шабозовича, (Таджикистан. Душанбе, 24-25 июня 2022 г.), 234-237 с

[7-М]. Зулфонов Ш. М. Применение преобразования Лапласа-Карсона к решению начально-краевой задачи для интегро-дифференциальных уравнений. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию со дня рождения академика НАНТ, доктора физико-математических наук, профессора Бойматова Камолиддина Хамроевича., (Таджикистан. Душанбе, 25-26 декабря 2020 г.).

[8-М]. Илолов М. И. , Зулфонов Ш. М. Об одной начально-краевой задаче для неоднородного интегро-дифференциального уравнения в частных про-изводных. Материалы международной научной конференции, посвященной 80-летию со дня рождения доктора физико-математических наук, профессора Темура Собирова, (Таджикистан. Душанбе, 25-26 июня 2021 г.)

[9-М]. Илолов.М. И, Зулфонов.Ш. М. Начально- Краевая задача для уравнения в частных производных 2-го порядка. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию профессора Джангибеков Гулходжа, (Таджикистан. Душанбе, 30-31 января 2020 г.).

[10-М]. Зулфонов.Ш. М., Илолов.М. И Двумерное преобразования Лапласа-Карсона и его риложение. Материалы международной научной конференции, посвященной 70-летию доктора физико-математических наук, профессора Тухлиева Камаридина, Худжанд-2024, с.249-251.

МИНИСТЕРСТВО ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН
ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО ПЕДАГОГИЧЕСКОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ САДРИДДИНА АЙНИ

УДК-517.2 (575.3)
ББК-22.1 (2 таджик)
З - 91

На правах рукописи

ЗУЛФОНОВ ШАХРИЁР МУЛОЗУЛФОНОВИЧ

ПРИМЕНЕНИЕ ОПЕРАЦИОННОГО ИСЧИСЛЕНИЯ ДЛЯ РЕШЕНИЯ НЕКОТОРЫХ КЛАССОВ ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ И ИНТЕГРО - ДИФФЕРЕНЦИАЛЬНЫХ УРАВНЕНИЙ С ЧАСТНЫМИ ПРОИЗВОДНЫМИ

АВТОРЕФЕРАТ

диссертации на соискание ученой степени доктора философии (PhD) по специальности математики 6D060100 (6D060102 - Дифференциальные уравнения, динамические системы, оптимальное управление)

ДУШАНБЕ-2025

Работа выполнена на кафедре математического анализа математического факультета Таджикского государственного педагогического университета имени Садриддина Айни.

Научный руководитель: **Илолов Мамадшо Илолович,**
академик Национальной академии наук Таджикистана, доктор физико-математических наук, профессор

Официальные оппоненты: **Мухсинов Ёдгор Мирзоевич,**
доктор физико- математических наук, профессор кафедры современные математические и естественные науки Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики.

Козиев Гулназар Мавлонназарович,
кандидат физико-математических наук, доцент, заведующий кафедры математика в экономике Международный университет туризма и предпринимательства Таджикистана

Ведущая организация: Института математики им. А. Джураева Национальной академии наук Таджикистана

Защита состоится «10» декабря 2025 года в «15:30» ч. на заседании диссертационного совета при Таджикском национальном университете по адресу: 734027, г. Душанбе, улица Буни-Хисорак, корпус 17, аудитория №.203.

С диссертацией можно ознакомиться в Центральной научной библиотеке Таджикского национального университета, а также на сайте:

Автореферат разослан «_» «__» 2025 года.

Ученый секретарь диссертационного
совета, кандидат физико-математических
наук **Гафоров А.Б.**

Введение

Актуальность темы исследования. За последние десятилетия теория и практика дифференциальных и интегро-дифференциальных уравнений с частными производными, которые являются математическим объяснением сложных и весьма важных проблем физики, химии, биологии и современной техники, имеют значительное развитие и прогресс. Для этих уравнений разработаны довольно разные подходы к решению начальных и начально-краевых задач. Среди них особое место занимает метод интегральных преобразований. В свою очередь, наиболее важным из этих методов является метод интегрального преобразования Лапласа-Карсона для линейных уравнений с n переменными, который в последние годы находится в центре внимания математиков, физиков и других исследователей. Научные статьи и монографии учёных Ю. А. Бричков и А. П. Прудников [3], Р. С. Дахия [22, 23], А. Бабахани [21], Р. С. Дахия и Дж. С. Дебнат [24] а также В. А. Диткин и А. П. Прудников [5, 25] посвящены новым методам расчета прямых и обратных преобразований Лапласа-Карсона, которые предназначены для функций с двумя и многими переменными.

Диссертация посвящена применению ряда классов уравнений (телеграфного дифференциального уравнения, телеграфного интегро-дифференциального уравнения, уравнений с частными производными различных порядков и начальных и краевых задач для них) посредством преобразования Лапласа-Карсона. Для нахождения явного вида решения приведенных выше уравнений необходимо вычислить прямые и обратные интегральные преобразования многопеременных функций. В диссертации представлены оперативные расчеты таких функций.

